**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) оид ба диссертатсия:**

1. Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич – диссертанти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
2. Дараҷаи дарёфт - доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ).
3. Мавзӯъ: "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих".
4. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.
5. Роҳбари илмӣ – Мирбобоев А. номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дар ҳайати Раҳматуллозода С. Р., Ҷаматов С., Султонов М. рисолаи номзадии Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевичро аз назари мубрамии мавзӯъ, таҳлили илмии масоили матраҳшуда, хулосаю натиҷагириҳо ба сифати таҳқиқоти анҷомшуда мусбат арзёбӣ менамояд, зеро мавзӯи мазкур дар забоншиносии тоҷик то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич ба таҳқиқи хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" бахшида шудааст. Омӯзиши хусусиятҳои сарфии ҳиссаҳои нутқ дар асоси матни "Ҷомеъ-ут-таворих" ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ӯ оид ба вазъи амалкарди забони адабии тоҷикӣ дар садаҳои XIII-XIV хулосаҳои мушаххас пешниҳод намояд.

Таҳқиқи хусусиёти морфологии асари мазкур, ки то ҳол дар забоншиносӣ анҷом напазируфтааст, аз қабили масоили муҳим дар забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсия муайян гардидаанд, дар се боби он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Навгонии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар ин диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии таърихи забони адабии тоҷик ва грамматикаи таърихии ин забон, ҳамчунин зимни таҳияи китобҳои дарсии грамматикаи забони адабии тоҷикӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ аз маводи диссертатсия метавон истифода намуд.

Диссертатсия бар пояи усули синхронӣ-тасвирӣ анҷом дода шуда, дар мавридҳои зарурӣ аз методҳои диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили грамматикӣ ба кор гирифта шудааст.

Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) мувофиқ аст. Автореферат ва 9 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант панҷ мақола дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

[1-М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои луғавию семантикии шумора дар "Ҷомеъ-ут-таворих" / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . – 2017. - № 4. С. 53- 55.

[2-М]. Юсупов Ш. Р. Ҷамъбандии исм ва роҳҳои ифодаи он дар "Ҷомеъ-ут-таворих" / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон . – 2018. - № 1. С. 88-93.

[3-М]. Юсупов Ш. Р. Мавқеи истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2018. - № 1. С. 50-55.

[4-М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои морфологии пешояндҳо дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон . – 2019. - № 1. С. 175-180.

[5-М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои корбурди сифат дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2019. - № 3. С. 56-59.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Бар ин асос диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, ки дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ шудааст, метавон ба ҳимоя иҷозат дод.

Аз шумораи умумии узви Шӯро рамзи ихтисоси муҳаққиқони зерин бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст:

- –Раҳматуллозода С. Р. –доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон;
- –Султонов М. - доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон;
- –Мирбобоев А. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент;
- –Қосимов О. Ҳ. – доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- –Ҳомидов Д. – доктори илмҳои филологӣ, дотсент;

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ доир ба диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич Шарифова Фарангис Худоиевна, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Юсупов

Абдулло Исмоилович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъйин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи пешбар комиссия Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро пешниҳод менамояд.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ: Раҳматуллозода С.

Доктори илмҳои филологӣ: Ҷаматов С.

Доктори илмҳои филологӣ: Султонов М.

07. 09. 2020